**Бо қарори Конференсияи**
**V-уми ҳисоботӣ-интихоботии Иттифоқи касабаи**
**роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2016**
**тасдиқ карда шудааст.**

# НИЗОМНОМА
## дар бораи комиссияи назоратӣ-тафтишотии Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон

## 1. МУҚАРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Комиссияи назоратӣ-тафтишотии [1)] Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон органи назоратӣ-тафтишотии Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон мебошад.

1.2. Комиссия аз ҷониби Конференсияи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон бо пешниҳоди вакилон ба муҳлати ҳафт сол интихоб карда мешавад.

1.3. Ҳайати шумора ва инфиродии Комиссия аз ҷониби Конференсияи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон муайян карда мешавад ва Комиссия оид ба фаъолияти худ ба вай ҳисобот медиҳад.

1.4. Аъзоёни Комиссия наметавонанд, ки аъзои Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ё кормандони дастгоҳи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон бошанд. Аъзоёни Комиссия дар асоси ихтиёрӣ амал мекунанд.

1.5. Муҳлати ваколати Комиссия дар рӯзи аз ҷониби Конференсияи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон интихоб кардани ҳайати нави Комиссия бекор карда мешавад.

1.6. Роҳбарии фаъолияти Комиссияро Раиси комиссия, ки бо қарори комиссия интихоб карда мешавад ва ба муҳлати ҳафт сол амалӣ менамояд.

1.7. Машварати Комиссия аз рӯи зарурат бо даъвати Раиси комиссия ва на камтар аз як маротиба дар як сол даъват карда мешавад. Машварати Комиссия метавонад ба шакли ғоибона аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо истифодаи воситаҳои алоқаҳои электронӣ ва тартиб додани минбаъдаи протоколе, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст.

---

[1)] - минбаъд – Комиссия

Тартиби овоздиҳиро Комиссия муайян мекунад.

1.8. Ваколати аъзои Комиссияи назоратӣ- тафтишотии Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон дар ҳолати аз аъзогии иттифоқи касаба баромадан, бо хоҳиши худ гузоштани ваколат, ғайриимкон гардидани иҷрои ваколатҳои худ, вайрон намудани Оинномаи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон қатъ карда мешавад.

1.9. Тағйирот ба Низомномаи мазкур бо қарори Конференсияи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ворид карда мешавад.

1.10. Макони ҷойгиршавии Комиссия – Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

## 2. ВАКОЛАТҲОИ КОМИССИЯ

2.1. Комиссия дар фаъолияти худ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Конференсияи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон, Ойинномаи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

2.2. Комиссия назоратро барои корҳои зерин амалӣ менамояд:

- иҷрои қарорҳои Конференсияи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ва Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон;
- фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон;
- иҷрои сметаи даромадҳо ва хароҷотҳои Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон;
- саривақт баҳисобгирӣ ва пурра ворид шудани ҳаққи аъзогӣ ва дигар аъзогиҳо;
- дуруст ва мақсаднок харҷ кардани воситаҳои гирифташуда;
- истифодаи маблағҳои ихтиёрӣ ва дигар воридотҳои мақсаднок;
- нигаҳдорӣ, самаранок ва дуруст истифода бурдани молу амволи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон;
- дуруст бурдани ҳисоботи молиявӣ ва омории Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон;
-саривақт баррасӣ намудани пешниҳодҳо, аризаҳо ва муроҷиатҳое, ки ба Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ворид мешаванд.

2.3. Комиссия ҳар сол тафтишҳои нақшавӣ ва метавонад тафтишҳои ғайринақшавии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистонро гузаронад, барои мукаммал

сохтани он пешниҳодот ворид намояд. Натиҷаҳои тафтишҳо бо ҳисоботи хаттӣ, хулосаҳо ва санадҳо ба расмият дароварда мешаванд.

2.4. Пешниҳодоти Комиссия оид ба ошкор намудани санҷишҳо камбудӣ ва вайронкориҳо, ки дар ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳои Комиссия, баён шудаанд, барои мақомоти раёсати Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон, шарти ҳатмӣ мебошанд, ки онҳо бояд дар муҳлати як моҳ баррасӣ карда шаванд.

2.5. Комиссия дар доираи ваколатҳои худ ба ҷаласаи Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон, ва Конференсияи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон дар бораи кор, фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ва натиҷаҳои давраи гузаронидани санҷиш ҳисобот медиҳад.

2.6. Комиссия ҳуқуқ дорад:

- аз мақомоти идоракунии Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои молиявӣ, муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки барои кори комиссия зарур мебошанд, баёноти шахсони мансабдор ва маълумотномаҳои заруриро оид ба масъалаҳое, ки ҳангоми гузаронидани санҷишҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ пайдо мешаванд, талаб намояд;

- мавриди рад кардан барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба Комисия ё дигар амалҳое, ки кори Комиссияро душвор мегардонад, санадҳо тартиб диҳад, он ҳуқуқ дорад, ки барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсонеро, ки барои гузаронидани санҷишҳо муқобилият нишон медиҳанд, талаб намояд;

- пешниҳодотро дар бораи даъват намудани Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон Конференсияи ғайринавбатии Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон аз рӯи тартиби муқаррар намудани Оинномаи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон, ҳангоми иҷро нашудани пешниҳодоти Комиссия ва бартараф нанамудани хатогиҳо дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Комиссия ворид намояд;

- ҳангоми муқаррар намудани воқеияти камомадҳо, нарасидани воситаҳои пулӣ, арзишҳои молиявӣ ва дигар суиистеъмолҳо, комиссия дар ин бора Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистонро огоҳ менамояд;

- пешниҳодоти Комиссия дар бораи бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ва вайронкунӣ, барои мақоми ревизиякунанда ҳатмӣ мебошад. Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни

Тоҷикистон дар муҳлати як моҳ бояд маводи тафтиширо баррасӣ намуда, дар бораи чораҳои андешидашуда ба комиссия маълумот диҳад.

- бо қарори Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касабаро мавриди санҷиш қарор диҳад.

2.7. Аъзоёни Комиссия ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ:

- барои боварибахш будани хулосаҳо аз рӯи натиҷаҳои санҷишҳо ҷавобгар мебошанд;

- аз рӯи натиҷаҳои санҷишҳо бояд ҳуҷҷатҳои хулосавиро, ки дорои маълумоти тасдиқкунандаи боварибахш дар ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳои молиявию хоҷагидории Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон мебошанд, пешниҳод намояд.

2.8. Раиси Комиссия:

- роҳбарии умумии фаъолияти Комиссияро амалӣ мегардонад;

- ҷаласаҳои Комиссияро даъват менамояд ва нақшаи кории Комиссияро тасдиқ мекунад;

- вазифаҳоро дар байни аъзои Комиссия тақсим мекунад ва ба онҳо супоришҳо медиҳад;

- санадҳои санҷиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ва протоколҳои машварати Комиссияро имзо мекунад;

-дар бораи фаъолияти Комиссия ва фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ҳисобот медиҳад.

2.9. Раиси комиссия намояндаи Конференсияи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, метавонад дар машваратҳои Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон бо ҳуқуқи овоздиҳии машваратӣ иштирок намояд.

## 3. ТАРТИБИ КОРИ КОМИССИЯ ВА ТАЪМИН НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ОН

3.1. Комиссия аз рӯи нақшаи тасдиқнамудаи худ кор мекунад, тартиби гузаронидани тафтишҳоро аз рӯи зарурат, аммо на дертар аз як маротиба дар давоми сол мустақилона муқаррар менамояд.

3.2. Машварати Комиссия комилҳуқуқ мебошад, агар дар он аз ним зиёди аъзоён иштирок намоянд.

3.3. Қарори Комиссия қабулшуда ҳисоб мешавад, агар дар ин бора аксари зиёди иштирокчиёни машварат ҳангоми мавҷудияти кворум овоз дода бошанд.

3.4. Машварати Комиссия метавонад дар шакли ғоибона, аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо истифодаи технологияҳои замонавӣ ва воситаҳои алоқа бо ба расмият даровардани минбаъдаи протокол бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гузаронида шавад.

3.5. Машварати комиссияро раиси Комиссия пеш мебарад. Протоколи ҷаласаи Комиссия аз ҷониби раисикунанда ва котибе, ки протоколро мебарад ба имзо расонида мешавад.

3.6. Барои иҷрои уҳдадориҳои худ Комиссия метавонад, машваратчиён –ташхисгаронро даъват намояд.

3.7. Хароҷотҳои вобаста ба фаъолияти Комиссия ба моддаи алоҳида ба сметаи даромадҳо ва хароҷотҳои Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон дохил карда мешавад.

3.8.Таъминоти молиявӣ-техникӣ ва хизматрасонии Комиссия аз ҷониби роҳбарияти Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад.